*УДК 33.04*

# *ОЛАТҲОИ МОЛИЯВӢ-АНДОЗӢ ДАРНИЗОМИ ТАДБИРҲО ОИД БА АМАЛИГАРДОНИИ СИЁСАТИ ИҚТИСОДИИ РУШДИ МИНТАҚАВӢ*

***Орипова Назокатхон Мӯминовна,*** *омӯзгори кафедраи молия ва қарзи ДИСДДТТ дар шаҳри Хуҷанд (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *ФИНАНСОВО-НАЛОГОВЫЕ ИНСТРУМЕНТЫ В СИСТЕМЕ МЕРПО РЕАЛИЗАЦИИ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ПОЛИТИКИ РЕГИОНАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ*

***Орипова Назокатхон Муминовна,*** *преподаватель кафедры финансов и кредита ИЭТ ТГУК в городе Худжанде (Таджикистан, Худжанд)*

# *FINANCIAL AND TAX INSTRUMENTS –IN THE SYSTEM OF MEASURES TO IMPLEMENT THE ECONOMIC POLICY OF REGIONALOPMENT*

***Oripova Nazokatkhon Muminovna,*** *Lecturer of higher mathematics and innovative technologies department of IET TSUC Khujand (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:*** *nazokathon-1990@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *сиёсати иқтисодии рушди минтақавӣ, олатҳои молиявӣ-андозӣ, нисбати меъёрии фоиз, низоми минтақавии молиявӣ-андозӣ, сиёсати буҷетӣ-андозии ҳавасмандгардонанда*

*Олатҳои молиявӣ-андозии амалигардонии сиёсати иқтисодии рушди минтақавӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Зикр шудааст, ки дар шароити муосири рушди иқтисодиёти бозорӣ дар сатҳҳои умумидавлатӣ ва минтақавӣ барои танзими равоиди амалигардонии сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ олатҳои молиявию андозӣ истифода мешаванд. Нуқтаи назарҳои мухталиф дар бобати зарурати татбиқи методҳои молиявӣ-андозии танзими рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва минтақаҳои он ба риштаи таҳлил кашида шудаанд зикр шудааст, ки ҳангоми танзими рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ давлат ба тамоюли истеъмол қисман бо роҳи низоми дахлдори андоз ва қисман нисбати меъёри фоиз таъсири ҳидояткунанда мерасонад. Вазафаҳои асосии низоми минтақавии молиявӣ-андозӣ, ки барои иҷрои вазифаҳои ба ҳам алоқаманд ташкил карда мешавад номбар шудааст. Зикр гардидааст, ки дар марҳилаи муосири ташаккули низоми бозорӣ вобаста аз вазъи иқтисодиёт ва халли вазифаҳои гузошташуда сиёсати буҷетӣ-андозии ҳавасмандгардонанда истифода мешавад.*

***Ключевые слова:*** *экономическая политика регионального развития, финансово-налоговые инструменты, фиксирование нормы процента, региональная финансово-налоговая система, бюджетно-налоговая политика*

*Анализируются финансово-налоговые инструменты реализации экономической политики регионального развития. Отмечается, что в современных условиях развития региональной экономики на общегосударственном и региональных уровнях применяются финансово-налоговые инструменты для регулирования процесса реализации социально-экономической политики. Подвергнуты анализу различные точки зрения о необходимости применения финансово-налоговых методов регулирования социально-экономического развития и его регионов. Подчёркивается, что при регулировании социально-экономического развития государство оказывает руководящее влияние на склонность к потреблению, частично путём соответствующей системы налогов, частично – фиксированием нормы процента. Перечислены основные функции региональной финансово-налоговой системы, созданной для выполнения взаимосвязанных функций. Отмечается, что на современном этапе формирования рыночной системы в зависимости от состояния экономики и решения стоящих задач используется стимулирующая бюджетно-налоговая политика.*

***Key words:*** *economic policy of regional development, financial and tax instruments, fixation of interest rates, regional financial and tax system, stimulating fiscal policy*

*The financial and tax instruments for implementing the economic policy of regional development are analyzed. It is noted that in modern conditions of development of the regional economy, financial and tax instruments are used at the national and regional levels to regulate the process of implementing socio-economic policy. Various points of view on the need to apply financial and tax methods for regulating socio-economic development and its regions are analyzed. It is emphasized that when regulating socio-economic development, the state has a guiding influence on the propensity to consume, partly through an appropriate tax system, partly by fixing the interest rate. The main functions of the regional financial and tax system that create interrelated functions are listed. It is noted.*

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат умуман ва минтақаҳои он хусусан аниқ карда шудаанд. Дар он вазифаи дар ҳар минтақа муайян кардани афзалиятҳои худӣ дар асоси иқтидори мавҷуда, вазъи дар бозори меҳнат ба миён омада ва хусусиятҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографӣ, имкониятҳои воқеии амалӣ гардонидани вазифаҳои аввалиндараҷаи дурнамои миёнамуддат ва дарозмуддат гузошта шудааст[1].

Дар иртибот бо ин нукта зарурати таҳия ва амалигардонии сиёсати мувофиқи иҷтимоӣ-иқтисодӣ чун самти асосии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба идоракунии равандҳои рушди ҳудудӣ ба миён меояд. Масъалаи таҳия ва амалигардонии сиёсати рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ва ҳудудҳои маъмурии он то ин ё он дараҷа аз ҷониби олимони ватанию хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Сиёсати иҷтимоӣ-сиёсии минтақавӣ бо авлавиятҳои стратегии рушди мамлакат алоқаманд мебошад ва ба таҳкими ягонагии иқтисодии мамлакат ва баланд бардоштани сатҳу сифати ҳаёти аҳолӣ нигаронида шудааст. Сухан дар бораи таъмини шароитҳои тақрибан баробари рушди иҷтимоии ҳамаи минтақаҳои мамлакат ва баҳисобгирии умумии омилҳои минтақавӣ ва истифодаи заминаҳои мусоид барои ташаккули иқтисодиёти самарабахши иҷтимоимеҳвар дар минтақаҳо меравад [2, с.56]. Дар идомаи ин мулоҳиза илова кардан лозим аст, ки сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии минтақавӣ бо самтҳои стратегии рушди мамлакат алоқаманд аст ва он дар асоси дарозмуддат амалӣ гардонида мешавад. Нуқтаи назари дигар низ вуҷуд дорад.

Тибқи он сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа соҳаи идоракунии давлатии рушди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии мамлакат дар ҷанбаи минтақавӣ мебошад. Чунин муносибат имкон медиҳад, сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ чун маҷмуи муносибатҳои мутақобилаи ҳам давлату минтақаҳо ва ҳам байни минтақаҳо муайян карда шавад. Зимнан, сохтори ғайриякҷинсии фазои мамлакат аз лиҳози табиӣ-ҷуғрофӣ, инчунин аз нуқтаи назари захиравӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, этникӣ ва сиёсӣ чун заминаҳои объективии сиёсати минтақавӣ баромад мекунанд [3, с.27].

Гуфтаҳои болоро хулоса намуда метавон тасдиқ кард, ки сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа маҷмуи тадбирҳои дар давраи тӯлонӣ ё дарозмуддат амаликунандаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидораи маҳаллӣ мебошад, ки ба танзими муносибатҳои молиявӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ба мақсади ба даст овардани сатҳи нисбатан баланди некуаҳволии аҳолӣ равона карда шудааст. Айни замон амалӣ гардонидани сиёсати дуруст таҳия намудаи рушди минтақа ба гирифтани самараи ҳадди аксари иқтисодӣ имкон медиҳад ва адолати иҷтимоиро дар рушди маъмурию ҳудудӣ таъмин мекунад. Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти бозорӣ дар сатҳҳои умумидавлатӣ ва минтақавӣ барои танзими раванди амалигардонии сиёсати

иҷтимоӣ-иқтисодӣ олатҳои молиявию андозӣ истифода мешаванд. Ба қатори онҳо, пеш аз ҳама, кумакхазина (дотатсия), субвенсия, ҳамчунин субсидия, воситаҳое, ки аз буҷети давлатӣ ҷудо мегардад, мансуб мебошанд. Имтиёзҳо бошанд, шаклҳои мухталиф доранд, аз ҷумла, қарз, таътили андозӣ, озодкунӣ аз пардохти андоз ва ғайра. Дар бобати зарурати татбиқи методҳои молиявӣ-андозии танзими рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат ва минтақаҳои он нуқтаи назарҳои мухталиф мавҷуданд. Аз ҷумла, ҳангоми танзими рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ давлат ба тамоюли истеъмол, ки қисман бо роҳи низоми дахлдори андоз ва қисмантасбити меъёри фоиз таъсири ҳидояткунанда мерасонад [4]. Яъне танзими буҷетӣ-андозии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ақлу хиради одамон ва мулоҳизакорию боандешагии давлат асос меёбад. Дар бораи ақлу хиради одамон сухан ронда он нуктаро дар назар дорем, ки одамон тавре таълим дода мешаванд, тавре тарбия меёбанд, ки ба бурд мароқ зоҳир мекунанд. Роҳбарию ҳидояти мулоҳизакоронаи давлат имкон медиҳад, ки фаъолияти хоҷагидорӣ тибқи қоидаю маҳдудиятҳои муқарраргардида пеш бурда шавад. Самарабахшии танзими буҷетӣ-андозии рушди иҷтимоӣ -иқтисодии мамлакат ва минтақаҳои он аз бомулоҳизагӣ ва зеҳнӣ ё ақлу хиради субъектҳои иқтисодӣ вобаста аст. Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки дар мамлакатҳое, ки арзишҳои мазкур дар сатҳи паст қарор доранд, таъмини самараи зарурии танзими молиявӣ-андозии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мушкил мегардад.Аксаран таҳти мафҳуми танзими рушди ҳудудӣ амалҳои низомманди иҷтимоимеҳвар оид ба таъмини фаъолияти устувор ва мутавозини низомҳои минтақавӣ баррасӣ мегарданд, ки бо беҳтар намудани сифат ва баланд бардоштани сатҳи ҳаёти аҳолӣ самтгирӣ мекунанд. Аз ин ҷо хулоса кардан мумкин аст, ки танзими рушди ҳудудӣ амалҳои иҷтимоимеҳвар ва низомманди мақомоти ваколатдори ҳокимияти давлатӣ мебошанд, ки ба баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолии минтақа нигаронида шудаанд. Истифодаи самарабахши олатҳои молиявӣ-андозӣ дар танзими рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо имкон медиҳад дар марҳилаҳои мухталифи ташаккули иқтисодиёти бозорӣ натиҷаҳои муайяни мусбат ба даст оварда шавад[5, с.31]. Айни замон дар иқтисодиёти давраи гузариш, ки хусусиятҳои хеле назаррас доранд, танзими рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо тавассути олатҳои молиявӣ-андозӣ мушкил мегардад. Мушаххасан хусусиятҳои танзими давлатии равандҳои рушди иқтимоӣ-иқтисодии минтақаҳоро ба тариқи зайл ифода кардан мумкин аст: аввалан, дараҷаи танзими давлатии иқтисодиёти гузариш нисбат ба мамлакатҳои дорои иқтисоди бозории мутараққӣ қавитар аст; сониян, дар мамлакатҳои дорои иқтисоди гузариш танзими давлатӣ дар шароити таназзули трансформатсионӣ сурат мегирад; солисан, дар иқтисоди гузариш ба сабаби либерализатсия ва хусусигардонии моликияти давлатӣ ва дигар ислоҳоти иқтисодӣ имконияти ба равандҳои иқтисодӣ таъсир расонидани давлат кам мешавад, талабот ба танзими давлатӣ бошад, дар сатҳи баланд боқӣ

мемонад [6, с.712]. Ин ҳолат шаҳодат медиҳад, ки дар мамлакатҳои дорои иқтисоди гузариш зарурати танзими давлатии иқтисодиёт возеҳу равшан аст, бинобар ин олатҳои моливӣ-андозии танзими иқтисодиёти миллӣ ва минтақавӣ ба мадди аввал мебарояд. Низоми минтақавии молиявӣ-андозӣ барои иҷрои вазифаҳои ба ҳам алоқаманд ташкил карда мешавад, ки байни онҳо вазифаҳои зерин асосӣ ба шумор меравcovanд [7, с.115].

1. Ташкили ҳаракати маҷроҳои буҷетӣ-андозӣ тибқи тартиби муайян дар сатҳи ҳудуди алоҳида ё минтақаи давлат ва расмиёти мувофиқи танзими муносибатҳои иштирокдорони раванд, ки марбутан ба он пайдо мешаванд.

2. Таҷаммуъ ва истифодаи воситаҳо барои ҳалли масъалаҳои умумиминтақавии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа.

3. Ваколатҳои худро дар раванди идоракунӣ ё танзими рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа иҷро кардани мақомоти ҳокимият.

4. Таъмини иҷрои барномаҳои иҷтимоии дохилиминтақавӣ, ки бо қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба неъматҳои муайяни ҳаётӣ тибқи манфиатҳои минтақавӣ алоқаманд мебошанд.

5. Ташаккул ва такмили инфрасохтори иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа чун шарти муҳимтарини ибтидоии нигоҳдории алоқаҳои дохилиминтақавӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии он.

6. Танзими равандҳои истифодаи захираҳои табиӣ-иқтисодӣ ва иқтидори меҳнатии марбут ба принсипҳои рушди устувор.

7. Ҳавасмандгардонии самтгириҳои муайяни арзишии минтақавӣ барои дар фаъолнокии кории аҳолӣ ба вуҷуд овардани шароитҳо ва гузаронидани дигаргунсозиҳои сохторӣ дар соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба мақсади баланд бардоштани ҷаззобияти инвеститсионии минтақа.

Дар танзими иқтисодиёти минтақавӣ ҷои махсусро сиёсати буҷетӣ-андозӣ бо истифодаи меҳварҳои пуриқтидори андозбандӣ ва хароҷоти буҷетӣ ишғол мекунад. Маҳз онҳо дар гузаронидани тадбирҳое, ки ба устувор сохтани параметрҳои асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа равона карда шудаанд, нақши муҳим мебозанд.

Моҳирона истифода бурдани андоз ва хароҷоти ҳукуматӣ ба тағйирдиҳии мусбати ҳаҷми воқеии истеҳсолоти миллӣ ва сатҳи иштиғол имконият медиҳад, андозаи физикии таваррум ва суръати тезонидани афзоиши иқтисодиро муайян мекунад.

Дар марҳилаи муосири ташаккули низоми бозорӣ вобаста аз вазъи иқтисодиёт ва ҳалли вазифаҳои гузошташуда сиёсати буҷетӣ-андозии ҳавасмандгардонанда истифода мешавад. Сиёсати мазкур дар давраи таназзули истеҳсолот бо роҳи ихтисори андоз ва афзоиши хароҷоти давлатӣ барои нигоҳ доштани бахши соҳибкории иқтисодиёти минтақавӣ амалӣ гардонида мешавад.

Аз рӯи баъзе намудҳои истеҳсолот, ки дар онҳо маҳдудият ҷорӣ кардан лозим аст, сиёсати нигоҳдоранда истифода мешавад, ки он афзоиши андозҳо ва ихтисори хароҷоти давлатиро пешбинӣ мекунад. Баъзан дар амалияи идоракунии давлатии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ сиёсати буҷетӣ-андозии ғайридискретсионӣ истифода мешавад, ки афзоиши воридоти софи андозиро ба буҷети давлатӣ, махсусан дар давраи рушди иқтисодӣ пешбинӣ мекунад. Бо ин роҳ давлат дар асоси амали тасбиткунандагони вурудӣ ба иқтисодиёт таъсир мерасонад. Тасбиткунандагони мазкур механизми иқтисодӣ мебошанд, ки ба паст кардани амплитудаи тағйирёбии сатҳи иштиғоли аҳолӣ ва барориши ММД имконият медиҳад. Ба онҳо мансубанд: аввалан, ба вуҷуд овардани низоми прогрессивии андоз, ки дар марҳилаҳои болоравии иқтисодиёт дар фазаҳои сикли такрористеҳсол афзоиши талаботи умумиро нигоҳ медорад. Сониян, ёрдампулӣ ба бекорон ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ, ки дар вазъияти таназзули иқтисодӣ ва афзоиши шумораи бекорон устувории вазъи иҷтимоӣ-иқтисодиро таъмин мекунад. Солисан, ба ин механизм субсидияҳо барои рӯпӯш кардани зарари корхонаҳое мансубанд, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти умумидавлатӣ мол истеҳсол мекунанд. Қайд кардан лозим аст, ки тасбиткунандагони мазкур сабабҳои тағйирёбии сиклиро дар истеҳсолот ва амалигардонии ММД-ро бартараф карда наметавонанд. Онҳо танҳо андозаи ин тағйиротро маҳдуд менамоянд [8, с.372]. Бинобар ин ҳангоми таҳия ва амалигардонии сиёсати рушди иқтисодии минтақавӣ дар доираи танзими буҷетӣ-андозӣ ду танзимкунандаи иқтисодӣ мавриди истифода қарор мегиранд: хароҷоти давлатӣ ва андозҳо. Ҳамзамон комбинатсияи гуногуни онҳоро истифода бурдан мумкин аст, ки имкони истифодаи вариантҳои сершумори таъсирро ба ҳаҷми воқеии истеҳсолоти миллӣ ва сохтори он, ба иштиғол ва таваррум фароҳам меорад. Хароҷоти давлатӣ танзимкунандаи аз ҳама паҳншуда мебошад. Хароҷоти давлатиро барои танзими сикли такрористеҳсол ва ба эътидол овардани муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ истифода мебаранд. Сарчашмаи асосии ташаккули даромади давлат андозҳо ба ҳисоб мераванд, ки баровард аз музди меҳнат ва даромадҳои ташкилотҳои истеҳсолӣ ва дигар ташкилотҳои тиҷоратӣ мебошанд. Моҳиятан хароҷоти давлатӣ хароҷоти ғайриистеҳсолӣ аст. Хароҷот аз буҷети давлатӣ ба эҳтиёҷоти иҷтимоӣ-фарҳангии аҳолӣ, дастгирии иқтисодиёти минтақаҳои муаммодор, ҳамчунин хароҷоти

мудофиаи давлат ва идоракунии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ равона карда мешавад. Пойгоҳи дуруст муайян кардаи андозӣ олати муҳимми сиёсати андозии мамлакат мебошад, ки боиси афзоиш ё коҳиши ӯҳдадориҳои андозии категорияҳои мухталифи андозсупорандагон мегардад. Дар амалия намудҳои гуногуни ташаккули он, ки бо пардохтҳои истеҳлокӣ алоқаманд аст, истифода мешаванд [9, с.71].Олатҳои танзими андозӣ, ки низоми андозӣ онҳоро дар бар мегирад, ба сатҳи умумии андозбандӣ ва бори андоз таъсир мерасонад. Аз ҷумла, паст шудани сатҳи бори андоз ба эҳёи равандҳои иқтисодӣ мусоидат мекунад, вале ихтисори муваққатии қисми даромади буҷетро ба вуҷуд меорад. Дар иқтисодиёте, ки бори андози сахт вазнин дорад, ҳатто ба миқдори ночиз зиёд кардани мизони андоз боиси ихтисори ҳаҷми воридот ба буҷет мегардад ва тақвияти минбаъдаи “пресси” андозӣ самарабахш нест [10, с.56].

Олатҳои танзими андозӣ, ки ҳамзамон ба якчанд андоз ва боҷҳои асосӣ дахл доранд ва аз рӯи аломати ҳудудӣ ё соҳавӣ ворид карда мешаванд, дорои хусусияти маҷмуӣ мебошанд.

Истифодаи чунин олатҳо ба ҳалли вазифаҳои афзалиятноки рушди иқтисодии ҳудудҳо нигаронида шудааст.Реҷаҳои махсуси соҳавии андозбандӣ чун танзимкунандаи умумӣ аз маҷмуи имтиёзҳо иборат аст, ки ҳамзамон аз рӯи якчанд андозу боҷи мухталиф татбиқ мешаванд ва ба субъектҳои хоҷагидори як соҳа ё андозсупорандагоне, ки намуди муайяни фаъолиятро амалӣ мегардонанд, дахл доранд. Дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими буҷетӣ-андозии иқтисодиёт дар доираи консепсияи умумии сиёсати давлатӣ ва минтақавӣ амалӣ мешавад. Зимнан имкони ба даст овардани самараи иҷтимоӣ- иқтисодиро дар назар гирифтан лозим аст, ки аз татбиқи механизми фискалӣ ва маъмурикунонии андоз вобаста аст. Натиҷаҳои таҳлили нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии вилояти Суғд дар давраи солҳои 2015-2022 дар ҷадвали №1 оварда шудааст.

***Ҷадвали № 1. Нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии вилояти Суғд дар солҳои 2015-2021 (млн. сомонӣ)***

| Нишондиҳандаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022 бо % нисбати 2016 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Маҳсулоти саноатӣ** | 9113,0 | 11983,6 | 12690,7 | 14112,0 | 16384,1 | 21282,9 | 24326,3 | 266,9 |
| **Соҳаи кишоварзӣ** | 11041,0 | 11713,0 | 12166,4 | 13059,1 | 14152,3 | 13950,9 | 15618,1 | 141,4 |
| **Савдои чакана** | 6402,4 | 7503,2 | 11206,3 | 12074,5 | 11072,3 | 14075,1 | 15682,1 | 244,9 |
| **Хизматҳои пешниҳод гардида** | 3997,8 | 4001,7 | 4034,0 | 4068,0 | 3576,6 | 3703,2 | 4114,6 | 102,9 |
| **Даромади буҷети маҳаллӣ** | 1366,0 | 1607,8 | 1722,4 | 1924,6 | 1839,6 | 2435,2 | 2576,0 | 188,5 |

**Манбаъ: Омори солонаи вилояти Суғд. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – С. 192, 179, 333, 349, 371-383 [11, с.384].**

Тибқи додаҳои ҷадвали 10 агар ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Суғд дар соли 2016, 9113,0 млн. сомониро ташкил карда бошад, он соли 2022 ба 24326,3 миллион сомонӣ расида, 2,6 баробар зиёд шудааст.Тамоюли афзоиш дар соҳаи кишоварзӣ низ ба мушоҳида мерасад. Соли 2022 ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ ба 15618,1 млн. сомонӣ расида, дар давраи мавриди назар қариб 1,4% афзудааст. Ҳаҷми гардиши савдои чакана 15682,1 млн. сомониро ташкил кард, ки аз нишондиҳандаи соли 2016 2,4% зиёд аст. Коҳиши ҳаҷми савдо дар соли 2020 бо пандемияи КОВИД-19 алоқаманд мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки дар давраи пандемия аксари сохторҳои соҳибкории соҳаи савдо ба сабаби аз ҷониби ҳукумат ҷорӣ шудани тадбирҳои маҳдудкунанда муваққатан фаъолияти худро боздоштанд. Дар бобати хизматҳои пешниҳод карда бошад, тамоюли мусбат ба мушоҳида мерасад. Соли 2022 ҳаҷми хизматҳои пешниҳод гардида ба аҳолӣ бештар аз 4114,6 млрд. сомониро ташкил карда, 1,2% афзуд.

Даромади буҷети маҳаллии вилояти Суғд дар соли 2022 2476,0 млн. сомониро ташкил карда, 18 баробар зиёд шуд.

Чунин суръатҳои баланди рушди соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Суғд асосан ба туфайли истифодаи танзими мувофиқи буҷетӣ-андозии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба даст омадааст. Аз ҷумла, барои ҳавасмандгардонии фаъолияти сохторҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт имтиёзҳои андозӣ пешниҳод гардиданд. Барои дастгирии рушди соҳаҳои иқтисодиёти минтақа соли 2015 ҳаҷми имтиёзҳои андозии пешниҳод гардида, 1751 млн. сомониро ташкил кард. Аз он 1200, 1 млн. сомонӣ (68,5%) ба ҳиссаи саноат, 151,3 млн. сомонӣ (8,6%) ба ҳиссаи кишоварзӣ, 399,6 млн. сомонӣ (22,8%) ба ҳиссаи савдо рост меояд. Дар самти пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ба мақсади

ҳавасмандгардонӣ ва рушди соҳаҳои муҳимтарини иқтисодиёти минтақа тамоюли мусбат ба назар мерасад. Танҳо дар соли 2022 ҳаҷми имтиёзҳои андозӣ дар вилоят 3599,2 млн.сомониро ташкил кард.

***Ҷадвали №2. Имтиёзҳои андозии ба соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Суғд дар солҳои 2015-2022 пешниҳод гардида***

| *Номи нишондиҳандаҳо* | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2021 бо % нисбат ба 2015** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Имтиёзҳои умумии андоз | 1751,0 | 1883,5 | 2025,4 | 2177,8 | 2427,2 | 2680,3 | 3599,2 | 205,5 |
| Соҳаи саноат | 1200,1 | 1291,1 | 1388,3 | 1492,8 | 1699,6 | 1973,0 | 2692,8 | 224,3 |
| Саҳми саноат бо % | 68,5 | 68,5 | 68,5 | 68,5 | 70,0 | 73,6 | 74,8 | 109,2 |
| Соҳаи хоҷагии қишлоқ | 151,3 | 162,7 | 175,0 | 188,1 | 185,1 | 211,5 | 279,5 | 184,7 |
| Саҳми хоҷагии қишлоқ бо % | 8,6 | 8,6 | 8,6 | 8,6 | 7,6 | 7,8 | 7,7 | 89,5 |
| Соҳаи савдо | 399,6 | 429,7 | 462,1 | 496,9 | 542,5 | 495,8 | 626,9 | 156,8 |
| Саҳми савдо бо % | 22,8 | 22,8 | 22,8 | 22,8 | 22,3 | 18,5 | 17,4 | 76,3 |

***Манбаъ: Раёсати молияи вилояти Суғд. – 2022с.***

Дар шароити муосир яке аз самтҳои рушди давлати дилхоҳ рушди иҷтимоӣ ба шумор меравад. Зеро дар шароити ҳозира соҳаи иҷтимоӣ яке аз омилҳои муҳимтарини рушди нерӯҳои истеҳсолкунанда буда, дар маҷмааи хоҷагии халқи мамлакат ҷои намоёнро ишғол мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати иҷтимоимеҳвар эълом гардидааст, ки маблағгузории афзалиятнокро ба таъсиси инфрасохторҳои муҳимми иҷтимоӣ ва рушди сармояи инсонӣ пешбинӣ мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон чун давлати иҷтимоӣ шароитеро фароҳам меорад, ки ҳаёти сазовор ва инкишофи озоди ҳар инсонро таъмин менамояд. Дар иртибот бо гуфтаҳои боло давлат пешниҳоди хизматҳои асосии иҷтимоиро аз ҳисоби худ барои қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоии аҳолӣ кафолат медиҳад [12]. Воситаҳо барои таъмини эҳтиёҷоти иҷтимоии шаҳрвандон ва маблағгузории рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ аз буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллӣ ҷудо карда мешавад.

***Ҷадвали №3. Динамикаи хароҷоти буҷети маҳаллии вилояти Суғд 2011-2021 (млн. сомонӣ)***

| **Нишондиҳанда** | **2011** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Хароҷоти умуми** | **480,7** | **1332,2** | **1454,7** | **1616,7** | **1887,4** | **2125,1** | **2342,5** |
| **Соҳаи маориф** | **240,4** | **665,7** | **692,9** | **780,7** | **926,9** | **986,1** | **1098,9** |
| **Соҳаи тандурустӣ** | **114,2** | **337,4** | **370,5** | **388,7** | **462,4** | **520,5** | **587,4** |
| **Соҳаи маданият ва варзиш** | **21,4** | **77,9** | **118,3** | **119,3** | **130,7** | **155,6** | **173,5** |
| **Соҳаи хоҷагии коммуналӣ ва манзилӣ** | **19,1** | **45,9** | **55,7** | **81,3** | **90,7** | **123,5** | **137,4** |
| **Фондхои асосӣ дар соҳаи иҷтимоӣ** | **43,5** | **96,2** | **126,9** | **140,4** | **182,4** | **225,4** | **222,9** |
| **Дастгоҳи назорат** | **23,9** | **47,1** | **51,7** | **52,7** | **59,6** | **69,2** | **76,1** |
| **Соҳаи хоҷагиии қишлоқ** | **2,6** | **18,1** | **28,1** | **33,3** | **36,5** | **36,6** | **37,1** |
| **Соҳаи нақлиёт** | **6,1** | **32,4** | **32,4** | **57,4** | **57,4** | **97,0** | **102,2** |
| **Соҳаи сохтмон** | **30,0** | **60,0** | **60,0** | **60,0** | **64,0** | **64,0** | **51,2** |

***Манбаъ: Раёсати молияи вилояти Суғд. – 2022 ва ьисобьои муаллиф.***

Хароҷоти буҷети маҳаллии вилояти Суғд дар соли 2021 - 2342,5 млн. сомониро ташкил карда, дар муқоиса бо соли 2011 қариб 4,3 баробар зиёд шудааст. Қисми назарраси хароҷоти буҷети маҳаллӣ ба соҳаи маориф ва нигоҳдории тандурустӣ равона мешавад, ки ҳиссаи онҳо 70%-ро ташкил мекунад.

Ҳолати мазкур самтияти иҷтимоии андозҳоро тавсиф менамояд. Чунин сохтори хароҷоти буҷети маҳаллӣ ба мақсадҳои дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайян гардида мувофиқати том дорад.

**ПАЙНАВИШТ:**

1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [Манбаи электронӣ] (Санаи дастрасӣ: 25 декабри соли 2022).
2. Черкашнев, Р.Ю. Социально-экономическая политика развития региона-реципиента: сущность, особенности разработки и реализации/Р.Ю.Черкашнев//Социально-экономические явления и процессы. – 2013. - № 3 (049). – С. 55-61.
3. Баранова, С.В. Социально-экономическая политика регионов: цели, задачи, факторы объективного воздействия/С.В.Баранова, Е.П. Лидинфа//Вестник сельского развития и социальной политики. – 2020. - №2 (26). – С. 25-31.
4. Кейнс, Дж. М. Общая теория занятости, процента и денег. Монография /Дж. М. Кейнс// Антология экономической классики. – М.: Эксмо, 2007. – 960 с. ISBN: 978-5-699-20989-7
5. Лексин В.Н. Государство и регионы. Теория и практика регулирования территориального развития/В.Н.Лексин,А.Н.Швецов.–URSS.2016.368 с. ISBN 978-5-397-05219-1.
6. Рахимов, Р.К. Проблемы развития переходной экономики Республики Таджикистан. Монография / Р.К. Рахимов. – Душанбе: ООО «Тонус», 2012. – 812 с.
7. Исматов, Х. Х. Бюджетно-налоговое регулирование развития региона / Х. Х. Исматов, Д. Р. Furthermore Бободжонов // Финансово-экономический вестник. – 2021. – № 3(27). – С. 114-124.
8. Белова,И.А. Типы бюджетно-налоговой политики//Вестник Челябинского государственного университета/И.А.Белов//Молодой ученый.-2016.-№28(132).-С.372-375.
9. Борох, А.К. Налоговые инструменты воздействия на экономическое развитие государства / А.К. Борох // Финансы и кредит. – 2011. – №36 (468) – С. 70-76.
10. Нижегородцев, Р.М.Мировой финансовый кризис. Причины, механизмы, последствия/ Р.М.Нижегородцев, А.С.Стрелецкий.–М.: Либроком, 2008. – 64 с.
11. Омори солонаи вилояти Суғд. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд.Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.– Душанбе,2023.-384с.
12. Моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. www.prokuratura.tj

**REFERENCES:**

1. National development strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030 [Electronic sources] (date of appeal: December 25, 2022).
2. Cherkashnev R.Yu. Socio-economic policy of development of the recipient region: essence, features of development and implementation / R.Yu. Cherkashnev // Socio-economic phenomena and processes. – 2013. - No. 3 (049). P.55-61.
3. Baranova S.V. and Lidinfa E.P. Socio-economic policy of regions: goals, objectives, factors of objective impact / S.V. Baranova, E.P. Lidinfa // Bulletin of rural development and social policy. – 2020. - No. 2 (26). P.25-31.
4. Keynes J.M. General theory of employment, interest and money. Monograph /J. M. Keynes // Anthology of economic classics. – M.: Eksmo, 2007. – 960 p. ISBN: 978-5-699-20989-7
5. Leksin V.N., Shvetsov A.N. State and regions. Theory and practice of regulating territorial development. –URSS. 2016. 368 p. ISBN 978-5-397-05219-1. P.31.
6. Rakhimov R.K. Problems of development of the transition economy of the Republic of Tajikistan. Monograph / R.K. Rakhimov. – Dushanbe: Tonus LLC, 2012.- 812 p.
7. Ismatov, Kh. Kh. Budgetary and tax regulation of the development of the region / Kh. Kh. Ismatov, D. R. Bobojonov // Financial and Economic Bulletin. – 2021. – No. 3(27). P.114-124.
8. Belova, I.A. Types of fiscal policy // Bulletin of Chelyabinsk State University //Young scientist. - 2016. - No. 28 (132). P.372-375.
9. Boroh A.K. Tax instruments influencing the economic development of the state / A.K. Boroch // Finance and credit. – 2011. – No. 36 (468). P.70-76.
10. Nizhegorodtsev R.M., Streletsky A.S. World financial crisis. Causes, mechanisms, consequences.– M.: Librocom, 2008.- 64 p.
11. Annual statistics of Sughd region. Head of the Statistical Agency under the President of the Republic of Tajikistan in Sughd region. Statistical Agency under the President of the Republic of Tajikistan. - Dushanbe, 2023.-384 p.
12. Article 1 of the Constitution of the Republic of Tajikistan. www.prokuratura.tj